Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

10 декабри соли 2025 Чоршанбе
№ 99 (15214)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ДАСТГИРИИ НАҚШАҲОИ РУШДИ ҲАМКОРӢ БО ФЕДЕРАТСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АВТОМОБИЛӢ

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ҳайати намояндагонро таҳти роҳбарии Президенти Федератсияи байналмилалии автомобилӣ (FIA) Муҳаммад бин Сулайм, ки барои иштирок дар Ассамблеяи генералии ин созмони бонуфуз, ки дар шаҳри Тошканд доир мегардад, ба мамлакатамон омада буд, пазируфт.**



Дар вохӯрӣ аз ҳайати намояндагон президенти Сенати FIA Кармело Санс де Баррос ва ноиби президент оид ба ҳаракати автомобилӣ ва сайёҳӣ Тим Ширман низ иштирок карданд.

Дар мулоқот масъалаҳои муҳими густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо ин созмони ҷаҳонӣ, ки фаъолияти автоспортро танзим мекунад ва амнияти ҳаракати роҳро тарғиб менамояд, баррасӣ гардиданд.

Муҳаммад бин Сулайм ислоҳотҳои васеъмиқёсро, ки ба рушди варзиши касбӣ ва оммавӣ, тарғиби тарзи ҳаёти солим, афзунсозии фаъолии ҷисмонӣ дар байни аҳолӣ ва тарбияи насли баркамол дар Ӯзбекистон нигаронида шудаанд, баланд арзёбӣ кард.

Аҳамияти роҳандозии ҳамкории наздик дар рушди тамоми намудҳои варзиши автомобилӣ дар мамлакати мо, аз картинг то пойгаи “Формула” қайд гардид.

Бо истифода аз имкониятҳои Донишгоҳи FIA ба масъалаҳои омода намудани пойгабозон, ронандагони картинг, муҳандисон, тарроҳон ва механикҳои ӯзбекистонӣ, беҳсозии инфрасохтори муосири автоспорт дар Ӯзбекистон, кӯмакрасонӣ ба татбиқи барномаҳо ҷиҳати таъмини амнияти ҳаракати пиёдагардон ва воситаҳои нақлиёт, инчунин баргузории мусобиқаҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама, марҳилаҳои “Формула-1” таҳти сарпарастии ин созмони байналмилалӣ диққати махсус дода шуд.

Дар анҷоми мулоқот роҳбари мамлакати мо ба роҳбари FIA барои саҳми бузурги шахсӣ бобати рушди ҳамкорӣ бо Федератсияи байналмилалии автомобилӣ, инчунин, мувофиқи меъёрҳои байналмилалӣ оммавӣ намудани автоспорт дар Ӯзбекистон, мукофоти олии давлат — ордени “Дӯстлик”-ро супорид.

Бояд гуфт, ки Ӯзбекистон аз соли 2019 ин ҷониб узви фаъоли федератсия мебошад. Соли гузашта дар Самарқанд Ассамблеяи генералии ғайринавбатии FIA бахшида ба 120-солагии он баргузор шуда буд. Дар доираи чорабинии имсола, 12 декабр дар маҷмааи “Humo Arena” бо иштироки меҳмонони баландмақоми хориҷӣ ва чемпионҳои автоспорт маросими мукофотонидани беҳтарин варзишгарон ва дастаҳо баргузор мегардад.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

## НАҚШАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРӢ БАРОИ КИШОВАРЗӢ ВА ТАҚДИМИ СУБСИДИЯ БА СОҲАИ АГРАРӢ БАРРАСӢ ГАРДИДАНД

***9 декабр Президент Шавкат Мирзиёев бо муаррифии ташкили босамари маблағгузории пахтакорӣ ва ғаллакорӣ, инчунин низоми нави ҷудо кардани субсидия дар соҳаи аграрӣ шинос гардид.***

Дар оғози тақдимот дар бораи захираҳои молиявие, ки имсол ба соҳа равона шудаанд ва натиҷаҳои онҳо маълумот дода шуд.

Таъкид гардид, ки барои маблағгузории пахтакорӣ ва ғаллакорӣ, таъмин бо техникаи кишоварзӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои сарфакори об дар маҷмӯъ 29 триллион сӯм ҷудо шудааст. Ба соҳа 2,35 триллион сӯм субсидия равона гардид.

Ба хоҷагиҳое, ки бо маблағи худ пахта парвариш карданд, ба андозаи 10 фоизи арзиши пахта субсидия ҷудо шуд ва дар натиҷа, 3 430 фермеру кластерҳо, ки дар майдони 151 ҳазор гектар аз ҳисоби маблағи худ пахта парвариш намудаанд, 1,9 триллион сӯм захира карданд.

Ё худ, ба фермерҳое, ки барои парвариши пахта кредит гирифта, онро то охири соли ҷорӣ пурра супурдаанд, 4 фоизи пардохти фоизӣ баргардонида шуд ва ба туфайли ин имконият 9 002 фермер 2,5 триллион сӯм кредити имтиёзноки худро пеш аз муҳлат пардохт карданд.

Гуфта шуд, ки соли оянда ба ҳосили пахта ва ғалла, субсидия ва дигар хароҷотҳо дар маҷмӯъ ҷудо кардани 34,2 триллион сӯм пешбинӣ шудааст, 200 миллион доллар маблағи иловагӣ ҷалб гардида, 800 мошини пахтачинӣ харидорӣ мешавад. Дар ин замина механизмҳои нави дастгирӣ, ки пешниҳод гардиданд, баррасӣ шуданд.

Аз ҷумла, пешниҳод шуд, ки дар соли 2026 ба чорабиниҳои агротехникӣ, масалан, барои плёнка ва қубурҳои нарм 5 триллион сӯми иловагӣ ҷудо гардад. Таъкид гардид, ки агар фермер ҳангоми парвариши ҳосил аз 50 фоизи лимити кредитӣ истифода барад ва ба андозаи 5 фоизи пахтаи фурӯхташуда субсидия ҷудо карда шавад, шумораи фермерҳое, ки аз ҳисоби маблағи худ ва қисман бо кредит ҳосил ба даст меоранд, ба 4–4,5 ҳазор мерасад ва 2,5–3 триллион сӯм маблағи онҳо сарфа мегардад.

Ҳоло ҳангоми ҷудо кардани кредит ба фермерҳо – ҳам ба хоҷагиҳои аз ҷиҳати молиявӣ устувор ва ҳам ба онҳое, ки интизоми пардохтро риоя намекунанд, ставкаи якхелаи фоизӣ истифода мешавад. Аз ин рӯ, пешниҳод шуд, ки барои ташаккули модели «боинтизом бошӣ – кредит арзон», ба хоҷагиҳои дорои рейтинги кредитии “A” кредит бо ставкаи 2 фоиз, ба тоифаи “B” бошад, бо 1 фоизи камкардашуда дода шавад ва тавассути ин бори кредити фермерҳои боинтизом камтар ва сабуктар гардад.

Инчунин, барои фермерҳое, ки бо маблағи худ гандум парвариш мекунанд, ташаббуси ҷудо кардани 10 фоиз субсидия ба миён гузошта шуд.

Мувофиқи Фармони Президенти Ӯзбекистон аз 22 ноябри соли ҷорӣ «Дар бораи чораҳои куллан такмил додани низоми дастгирии соҳаи аграрӣ аз тарафи давлат», бо мақсади такмил додани механизмҳои дастгирии соҳаи аграрӣ аз ҷониби давлат, дар назди Вазорати кишоварзӣ Агентии пардохтҳо дар бахши аграрӣ ташкил карда шуд.

Дар тақдимот тарзи ташкили иҷрои вазифаҳои ба агентӣ вогузоршуда баррасӣ гардид.

Ҳоло дар соҳаи кишоварзӣ 52 навъи субсидия ҷудо мешавад. Дар низоми нав ин раванд ба таври куллӣ сода карда шуда, омилҳои инсонӣ комилан кам мегардад, бюрократия коҳиш меёбад, баррасии аризаҳо пурра рақамӣ гардида, тамоми равандҳо тавассути «Агропортал» амалӣ мешаванд.

Барои ин системаи иттилоотии «Агросубсидия» бо системаҳои хабарии беш аз 10 вазорат ва идора вобаста карда мешавад.

Аз ҷумла, 1,3 триллион сӯм субсидияҳои барои соли 2026 пешбинишуда, дар ҳолати вуҷуд надоштани зарурати иштироки талабгорон, аз ҷониби идораҳои давлатӣ ба таври проактив, қисми боқимондаи субсидияҳо бошад, бидуни марҳилаҳои зиёдатии мувофиқа, гирифтани хулоса ва расмият, ба тарзи сода ва бе оворагиҳои изофа тақдим мегарданд. Дар натиҷа муҳлати ҷудо кардани субсидияҳо хеле кӯтоҳ мегардад.

Сарвари давлат ба масъулин барои боз ҳам такмил додани механизмҳои маблағгузорӣ, таъмин кардани манзилнокӣ ва зудамалӣ дар тақдими субсидияҳо, рақамисозии тамоми равандҳо ва фароҳам овардани шароити мусоид барои фермерҳо супоришҳои дақиқ дод.

**ЎзА.**

## ВАЗЪИ КОР ДАР СОҲАИ РОҲҲОИ НАҚЛИЁТ ВА ВАЗИФАҲОИ МИНБАЪДА БАРРАСӢ ШУДАНД

***Президент Шавкат Мирзиёев бо муаррифии корҳое, ки дар соҳаи роҳҳои автомобилгард амалӣ мегарданд ва нақшаҳои минбаъда ошно гардид.***

Дар бораи корҳое, ки дар се соли охир иҷро шуданд, ҳаҷми маблағгузорӣ ва натиҷаҳои амалӣ маълумот дода шуд.

Дар ин давра ба соҳаи роҳсозӣ тақрибан 40 триллион сӯм ҷудо гардида, дар 63 ҳазор километр роҳ корҳои сохтмон ва таъмир анҷом ёфтанд. Ҳаҷми маблағҳое, ки барои соҳа аз хориҷ ҷалб мешаванд, се баробар афзуда, соли 2025 ба 1,2 миллиард доллар расид. Аз сохтмони роҳсозии қолабӣ даст кашида, амалиёти тарҳрезӣ бо назардошти хусусиятҳои геологӣ ва экологии ҳар як минтақа ба роҳ монда шуд. Навъҳои муосири рӯйпӯшҳои роҳ истеҳсол ва муҳлати хидмати роҳҳо 1,5 баробар тӯлонитар гардид.

Дар тақдимот оид ба ҳалли мушкилоти мавҷудаи соҳа таклифу нақшаҳо пешниҳод шуданд. Пеш аз ҳама, ҳанӯз нокифоя будани истифодаи таҷрибаи пешқадам ва технологияҳои санҷидашудаи ҷаҳонӣ дар раванди таъмиру сохтмони роҳҳои умумии истифодабарӣ, роҳҳои дохилӣ ва пулҳои мавҷуда зикр гардид.

Дар солҳои оянда сохтмон ва таъмири 21 ҳазор километр роҳ, шағалпӯш кардани 14 ҳазор километр роҳҳои хокӣ ва таъмири 325 пул ба нақша гирифта шудааст. Дар ин раванд ҷалби васеи коршиносони хориҷӣ ва технологияҳои пешрафта, инчунин ташкили кор дар ҳоли татбиқи стандартҳои муосир супориш дода шуд.

Таъкид гардид, ки дар натиҷаи ҳаракати нақлиёти боркаш, ки вазнашон аз меъёр зиёд аст, 1800 километр роҳ ба ҳолати таъмирталаб омадаанд.

Аз ин рӯ, зарурати густариши шабакаи тарозуҳои санҷишӣ барои назорати вазни мошинҳои боркаш қайд гардид. Ҳоло 9 адад чунин тарозу гузошта шудаанд ва насби 8-тои дигар идома доранд. Супориш дода шуд, ки дар оянда 35 маскани иловагии назоратӣ-вазнченкунии сайёр ва статсионарӣ сохта шавад.

Ба масъулон супориш шуд, ки низоми электронии байниидоравии иттилоотиро, ки тамоми раванди назорати вазн ва андозаи нақлиётро фаро мегирад, ба кор дароранд. Инчунин, бо назардошти шароити обу ҳаво, таҳияи тартиби маҳдудияти мавсимии ҳаракати нақлиёти вазнин пешниҳод гардид.

Ҳоло 61 фоизи роҳҳои нав ва дар доираи “Буҷети ташаббуснок” 92 фоизи роҳҳои дохилӣ аз ҷониби бахши хусусӣ сохта мешаванд. Корҳои нигоҳдории роҳҳо, ки солҳои зиёд дар монополияи давлат буданд, низ зина ба зина ба шарикии хусусӣ тақдим мегарданд.

Густариш додани ин корҳо ва соли оянда 3 ҳазор километр ва то соли 2030 ба нигоҳдории соҳибкорон вогузор намудани 6,3 ҳазор километр роҳ ба нақша гирифта шудааст. Инчунин, зикр гардид, ки пурра ба пудратчиёни маҳаллӣ супоридани роҳҳое, ки дар 86 ноҳия бо иштироки Бонки рушди Осиё сохта мешаванд, зарур аст.

Зикр шуд, ки сатҳи рақамисозӣ дар соҳа поин буда, аз 59 хидматрасонӣ танҳо 20-тояш рақамӣ карда шудааст. Соли оянда ба шакли электронӣ гузаронидани 28 навъи хизматрасонӣ, ҷорӣ кардани низоми зеҳнии нақлиёт ва таҳияи 7 платформаи нави электронӣ муҳим арзёбӣ гардид.

Дар анҷоми муаррифӣ, бо назардошти супоришоти муайяншуда, вазифа гузошта шуд, ки Стратегияи рушди роҳҳои автомобилгарди Ӯзбекистон то соли 2035 таҳия карда шавад.

**ЎзА.**

## ДАР БОРАИ РАФТИ КОРҲО БОБАТИ КОҲИШИ БЕКОРӢ ВА КАМБИЗОАТӢ ДАР МАҲАЛЛАҲО МАЪЛУМОТ ДОДА ШУД

***Президент Шавкат Мирзиёев бо маълумот дар бораи корҳое, ки ҷиҳати табдил додани маҳаллаҳо ба минтақаҳои озод аз бекорӣ ва камбизоатӣ, инчунин таъмини шуғли аҳолӣ амалӣ мегарданд, шинос шуд.***

Ҷамъомад бо рӯҳияи танқидӣ баргузор гардида, дар он имкониятҳои истифоданашуда ва сусткориҳо дар ин самт нишон дода шуданд.

Дар ҷамъомад зикр гардид, ки барои арзёбии самарадории фаъолияти аъзои “ҳафтгонаи маҳалла” меъёрҳои дақиқ вуҷуд надоранд, инчунин, афзунсозии масъулияти онҳо дар коҳиши бекорӣ ва камбизоатӣ, ки вазифаи асосии онҳо ба шумор меравад, зарур аст. Таъкид шуд, ки фаъолияти “ҳафтгона” бояд бевосита дар таъмини шуғл ва даромади аҳолӣ инъикос ёбад ва дар ин самт пурзӯр намудани корҳои ҳадафманд ва натиҷаовар муҳим мебошад.

Супориш дода шуд, ки барои кам кардани сатҳи камбизоатӣ ва бекорӣ дар маҳаллаҳо пеш аз ҳама, мушкилот ва «нуқтаҳои рушд»-и онҳоро муайян карда, чорабиниҳои низомӣ таҳия ва татбиқ карда шаванд. Инчунин, вазифа гузошта шуд, то ба ҳаллу фасли муроҷиатҳои аҳолӣ бевосита дар худи маҳалла аҳамияти бештар дода шавад.

Корҳое, ки дар маҳаллаҳои гурӯҳи вазнин анҷом дода мешаванд, муҳокима шуданд. Супориш шуд, ки ба ин минтақаҳо диққати махсус зоҳир намуда, имкониятҳои истифода аз инфрасохтор, таъминоти барқ, шабакаи интернет ва замини наздиҳавлигӣ васеъ карда шаванд.

Соли ҷорӣ аз 8,9 фоиз то 6 фоиз коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат дар назар аст. Мақсад гузошта шудааст, ки ин нишондиҳанда дар соли оянда то 4,5 фоиз кам карда шавад.

Барои ин, бобати равиши комплексӣ дар ташкили корҳо дар маҳаллаҳо, густариши доираи хидматҳо дар самти шуғли устувор, офаридани манбаъҳои даромад, ҷалби аҳолӣ ба омӯзиши касбу ҳунар ва соҳибкорӣ вазифаҳо муайян гардиданд.

Таъкид гардид, ки таҳияи нақшаҳои инфиродӣ барои ҳар як хонаводаи камбизоат бо назардошти имкониятҳои воқеӣ ва хоҳишу дархости онҳо муҳим аст.

Дар доираи равиши лоиҳавӣ бо як қатор барномаҳо, чун «Мақомоти шуғл – ҳамкори кордиҳандагон», «Имконияти баробар – шуғли фарогир», «Ба сӯи ояндаи устувор», «20 бренди маҳаллӣ», «Як контур – як маҳсулот», «Рушди соҳибкорӣ дар маҳалла», «Иҷораи замин ва беҳсозии таъминоти об дар замини наздиҳавлигӣ», «Навсозии боғҳои кӯҳна», «1 ҳазор гектар боғи мевадор» ва «Кооперативҳои содиротӣ» фарогирии 1 миллион нафар аҳолии камбизоат ба нақша гирифта шудааст.

Дар коҳиши сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ амалӣ намудани лоиҳаҳои хурду миёна дар маҳаллаҳо, аз ҷумла чораҳои беҳсозии инфрасохтор дар минтақаҳои марзӣ ва анклавҳо, таъсиси кӯчаҳо, маҳаллаҳои сайёҳӣ, марказҳои микросаноатӣ, ки шабу рӯз фаъолият мебаранд, инчунин рушд додани инфрасохтори соҳил ва канори роҳ муаррифӣ гардид.

Масъалаҳои иҷрои Барномаи шуғл дар соли 2025 ва таҳияи барномаи соли 2026, кам кардани шуғли ғайрирасмӣ низ баррасӣ шуданд.

Президент ба мутасаддиён супориш дод, ки масъалаҳои маҳаллаҳоро ҳадафмандона ҳал намоянд, дар асоси ниёзҳои аҳолӣ самаранокии корҳои амалиро афзун созанд ва иҷрои вазифаҳоро ҷиҳати коҳиши бекорӣ ва камбизоатӣ бо масъулияти баланд таъмин кунанд.

**ЎзА.**

## ОЁ ӮЗБЕКИСТОН БАРОИ СОХТМОНИ ИНШООТИ ЗЕРИЗАМИНӢ ОМОДА АСТ?

***Имрӯз таваҷҷуҳ ба сохтмони зеризаминӣ дар тамоми ҷаҳон рӯ ба афзоиш дорад. Ин бо он вобаста аст, ки дар шароити афзоиши босуръати зичии сохтмон дар шаҳрҳо фазои зеризаминӣ ҳамчун роҳи нави тавсеаи инфрасохтор арзёбӣ мегардад.***

Аммо то чӣ андоза чунин иншоот дар шаҳрҳое, ба мисли Тошканд, ки хатари баланди заминларза доранд, самаранок ва бехатар мебошанд? Оё Ӯзбекистон метавонад сохтмони объектҳои зеризаминиро ба роҳ монад? Барои равшанӣ андохтан ба ин, мо бо **директори Институти механика ва зилзилабардошти иншооти ба номи М.Т. Уразбоеви Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, доктори илмҳои физикаю математика, профессор Карим СУЛТОНОВ** суҳбат оростем.

**– Омилҳои сейсмикӣ ҳангоми сохтмони иншооти зеризаминӣ нисбат ба сохтмонҳои рӯизаминӣ то чӣ андоза аҳамият доранд?**

– Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки иншооти зеризаминӣ, аз қабили таваққуфгоҳҳо, марказҳои савдо, анборҳо дар саросари ҷаҳон сохта мешаванд. Ин амал дар Аврупо, ИМА ва ҳатто Русия муваффақона татбиқ мегардад. Дар баъзе кишварҳо зарурати сохтани чунин иншоот ба таври табиӣ ба вуҷуд меояд. Масалан, дар Аврупо нигоҳдории газ дар анборҳои зеризаминӣ хеле маъмул аст: дар фасли тобистон, вақте ки истеъмол кам аст, газ захира карда шуда, зимистон истифода мешавад. Ҳамчунин, дар баъзе ҳолатҳо нигоҳдории маҳсулот дар зери замин аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаовар аст — ҳарорат доимӣ мемонад, хароҷоти энергия камтар ва хатари талафот хеле паст аст.

Таҳдиди асосӣ барои сохтмонҳои рӯизаминӣ ларзишҳо дар вақти заминларза мебошанд. Агар басомади ларзиши бино бо басомади мавҷҳои сейсмикӣ мувофиқат кунад, резонанс ба вуҷуд меояд, ки дар натиҷа амплитудаи ларзиш зиёд шуда, бино метавонад вайрон шавад. Аз ин сабаб, барои биноҳои рӯизаминӣ механизмҳои махсуси муҳофизат аз резонанс ва коҳиши амплитудаи ларзиш таҳия мешаванд.

Аммо дар мавриди иншооти зеризаминӣ вазъият дигар аст: онҳо дар қабати хок ҷойгиранд ва резонанс амалан ба мушоҳида намерасад. Бо вуҷуди ин, муҳим аст, ки таъсири мутақобилаи байни иншоот ва хок ба назар гирифта шавад. Дар вақти заминларза хок ва иншоот якҷоя ҳаракат мекунанд, ки дар натиҷаи ин ҳамтаъсирӣ қувваҳои калон ба вуҷуд меоянд. Конструксияи чунин иншоот бояд ин фишор ва сарбориҳоро бардошта тавонад.

**– Дар кадом соҳаҳо ба сохтмони иншооти зеризаминӣ дар Тошканд ва дигар шаҳрҳо талаб бештар бошад?**

– Аввалин иншооти зеризаминӣ дар Тошканд метрополитен буд, ки соли 1977 ба истифода дода шуд. Метро, одатан, ё дар минтақаҳои нав ё дар маҳаллаҳои аллакай бунёдшуда сохта мешавад. Дар Тошканд, мисли Маскав ё Ню-Йорк, метро дар ҳудуди шаҳрҳои мавҷуда сохта шуд.

Бо ташаббуси роҳбарияти кишвар имрӯз қитъаҳои нави замин ҷудо карда мешаванд, ки дар онҳо маҳаллаҳои «Янги Ӯзбекистон» бунёд меёбанд. Дар чунин минтақаҳо сохтмони зеризаминӣ бештар асоснок аст, зеро ҳама чиз аз аввал бо дарназардошти меъёрҳои техникии зарурӣ тарҳрезӣ мегардад.

Дар Тошканд иншооти зеризаминӣ беҳтар аст, ки дар доираи лоиҳаҳои нави сохтмонӣ, на дар маҳаллаҳои кӯҳна амалӣ шавад. Ин аз нигоҳи илмӣ оқилона ва барои аҳолӣ муфидтар аст.

**– Иншооти зеризаминӣ дар шаҳрҳои зилзилахез, мисли Тошканд, то чӣ андоза самаранок ва бехатар мебошанд?**

– Дар ин ҷо ду ҷиҳати муҳимро бояд ба назар гирифт. Аввал, тафовути байни минтақаҳои сейсмофаъол ва ором. Масалан, дар Британия ё Олмон хатари зилзила ниҳоят паст аст, аммо дар Италия, Испания ва Португалия он хеле баланд мебошад.

Ҷанбаи дуюм, самаранокии иҷтимоию иқтисодӣ аст. Агар ҳангоми заминларза иншоот устувор монад, ҷони одамон ва молу мулк ҳифз шаванд — ин аллакай як дастоварди бузурги иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аст.

(Давомаш дар саҳ.2).

# ОЁ ЎЗБЕКИСТОН БАРОИ СОХТМОНИ ИНШООТИ ЗЕРИЗАМИНӢ ОМОДА АСТ?

(Аввалаш дар саҳ.1).

Аз ин рӯ, ҳамкории зичи лоиҳакашон, мутахассисон ва сохтмончиён зарур мебошад.

**– Ҳангоми сохтмони иншооти зеризаминӣ кадом омилҳоро бояд махсус ба назар гирифт?**

– Як қатор омилҳои муҳим бояд ба назар гирифта шаванд. Масалан, чуқурии метрои Тошканд тақрибан ба 40 метр мерасад. Ман дар он замон дар донишкада кор мекардам ва раванди сохтмонро шахсан дидаам.

Яке аз мушкилоти асосӣ оби зеризаминӣ буд, ки хеле зуд боло мешуд. Аз ин сабаб, аввал бояд сатҳи он, тағйироти мавсимӣ ва наздикии он ба рӯи замин бодиққат таҳқиқ карда шавад.

Лаҳзаи муҳими дуюм – хусусиятҳои хок мебошад. Дар ҳудуди Ўзбекистон хокҳои лессӣ васеъ паҳн шудаанд. Онҳо ҳангоми тамос бо об қуввати худро гум мекунанд ва ноустувор мешаванд. Аз ин рӯ, устувории хок бояд боэътимод таъмин гардад.

**– Иншооти зеризаминӣ дар муқоиса бо сохтмонҳои рӯизаминӣ дар ҳолати зилзилаи сахт то чӣ андоза устувортар ҳастанд?**

– Таҳлилҳо нишон додаанд, ки дар кишварҳое мисли Туркия, Ҷопон ва Сан-Франсиско (ИМА), ки заминларзаҳои қавӣ рух медиҳанд, дар ҳолати лоиҳакашии дуруст ва сохтмони боэътимод конструксияҳои иншооти зеризаминӣ ба сарбориҳо нисбат ба сохтмонҳои рӯизаминӣ тобовар мебошанд.

Ғайр аз ин, онҳо на танҳо аз ҷиҳати моддӣ, балки аз ҷиҳати бехатарии инсонҳо низ муҳим мебошанд.

Ҳангоми сохтмони метрои Тошканд ҳамаи ин омилҳо ба назар гирифта шуданд. Метро на танҳо ҳамчун воситаи нақлиёт, балки ҷойи паноҳ барои мардум дар ҳолати фавқулода тарҳрезӣ шуда буд. Ман борҳо аз қисматҳои зеризаминии он гузаштаам ва бо итминон гуфта метавонам, ки сатҳи устуворӣ ва амнияти он хеле баланд аст.

**– Оё будубош дар зери замин ба ҳолати равонии инсон таъсир мерасонад?**

– Албатта, таъсир мерасонад ва ин комилан табиӣ аст. Будан дар фазои пӯшида аз зери осмон фарқ мекунад. Масалан, зиндагӣ дар бинои 30-ошёна низ дар оғоз ба рӯҳия таъсир мекунад, аммо бо гузашти вақт инсон мувофиқ мешавад.

Дар Ҷопон ин фарҳанг кайҳо ташаккул ёфтааст. Аз кӯдакӣ ба мардум меомӯзонанд, ки биноҳои онҳо боэътимоданд ва ҳатто ҳангоми заминларза сабаби воҳима нест. Дар мо бошад, ҳоло чунин омодагии равонӣ вуҷуд надорад.

**– Оё мардум омодаанд, ки ба театрҳо, музейҳо ё марказҳои савдои зеризаминӣ раванд?**

– Ба фикрам, одат кардан зуд сурат мегирад. Агар шароитҳо, аз ҷумла ҳарорат, ҳавогузаронӣ, равшанӣ ва амният ба меъёрҳо мувофиқат кунанд, барои аксари одамон фарқе намекунад, ки онҳо дар рӯи замин ҳастанд ё дар зери замин.

Масалан, дар рӯзи гарми тобистон бисёр одамон бо камоли майл ба метро медароянд, зеро он ҷо сард ва роҳат аст. Вақте ки ҳарорати ҳаво +40 дараҷа аст, дар зери замин тақрибан +20 дараҷа нигоҳ дошта мешавад — ин барои одамон писандида аст.

Муҳим аст, ки микроиқлими мутавозин, тарҳи зебо ва амнияти комил фароҳам оварда шавад, дар ин сурат одамон зуд мутобиқ мешаванд. Албатта, суръати мутобиқшавӣ дар ҳар кас ҳар хел аст, вале дар маҷмӯъ ин муаммо нест.

**– Оё сохтмони зеризаминӣ нисбат ба рӯизаминӣ гаронтар намеафтад? Кадом омилҳо арзишро баланд мекунанд?**

– Бале, сохтмони зеризаминӣ бешубҳа гаронтар аст. Ду усули асосии сохтмон вуҷуд дорад — кушода ва пӯшида.

Усули кушода нисбатан осонтар аст: аввал чоҳ канда мешавад, баъд корҳои сохтмонӣ анҷом ёфта, аз боло пӯшида мешавад. Ин усул барои чуқурии кам мувофиқ аст.

Аммо агар сухан дар бораи чуқурии 50 метр равад, усули кушода мувофиқ нест — бояд бо усули пӯшида кор бурд. Пармакунӣ, арматурагузорӣ, гидроизолятсия, мустаҳкамсозӣ ва таъмини амният хароҷоти зиёд талаб мекунанд.

Дар маҷмӯъ, сохтмони объектҳои зеризаминӣ — метро, марказҳои савдо, шабакаҳои коммуникатсионӣ 2-3 маротиба гаронтар аз сохтмони рӯизаминӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, зарурати чунин иншоот возеҳ аст, махсусан аз нуқтаи назари амнияти инсонҳо.

**– Кадом кишварҳо аз фазои зеризаминӣ самаранoктар истифода мебаранд ва мо аз онҳо чиро метавонем омӯзем?**

– Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) яке аз пешсафон дар ин самт аст. Дар он ҷо иншооти зеризаминӣ ҳам барои муҳофизати аҳолӣ аз таҳдиди ҳастаӣ ва ҳам барои рушди инфрасохтори шаҳрӣ истифода мешаванд. Онҳо таҷрибаи ғанӣ ва технологияи муосир доранд.

Мо бояд таҷрибаи онҳоро дар соҳаи мавод, лоиҳакашӣ ва зилзилабардоштӣ биомӯзем. Барои расидан ба пешрафти воқеӣ, зарур аст, ки лабораторияҳои илмӣ, ташкилотҳои лоиҳакашӣ ва ширкатҳои махсуси сохтмонӣ таъсис дода шаванд.

Айни замон ин равандҳо дар кишвари мо ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор доранд, бинобар ин омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ аҳамияти бузург дорад.

Суҳбаторо
**Нигора РАҲМОНОВА,**
**мухбири ЎзА.**



***Актам РАҲМАТОВ**, раиси хоҷагии фермерии «Теппаовул зар замин»-и ноҳияи Ҷомбой:*

*– Мо чанде қабл дар маҳаллаи Хитоипоён хоҷагии фермерии бисёрсоҳаеро ташкил додем. Дар 42 гектар майдони ин хоҷагӣ ғалла, сабзавот, асппарварӣ ва чорводорӣ ба роҳ монда шудааст. Соли сипаригардида аз 13 гектар замини хоҷагӣ 45 тонна ғалла ба даст омад. Имсол дар 15 гектар майдон ғалла хуб нашъунамо дорад. Ният дорем, ки аз он 50 тонна ҳосил гирем.*

***Дар акс: Актам Раҳматов дар майдони кишт.***

***Аксбардор: Соҳиб САЙФУЛЛОЕВ.***

# БОЗ ЯК ЛОИҲАИ БУЗУРГ

***Дар 10 гектар қитъаи замини минтақаи экологӣ-саноатии ҳудуди маҳаллаи Зарафшони ноҳияи Чуст барои сохтмони корхонаи «Истеҳсоли нерӯи барқ бо роҳи сӯзондани партов» бо арзиши 150 миллион доллар санги асос гузошта шуд. Лоиҳа аз ҷониби ҶММ «Everbright Environmental Energy Namangan« дар ҳамкорӣ бо сармоягузорони чинӣ амалӣ карда мешавад.***

Дар чорабинӣ ҳокими вилоят Шавкатҷон Абдураззоқов, ҳамкорони хориҷӣ, нурониён, фаъолон ва намояндагони маҳаллаҳо иштирок карданд.

Баромадкунандагон қайд карданд, ки ин лоиҳаи бузург дар оянда ба иқтисодиёт ва экологияи минтақа саҳми назаррас мегузорад.

Дар натиҷаи оғози ин лоиҳа 547,5 ҳазор тонна партов коркард шуда, 310 миллион кВт соат нерӯи барқ истеҳсол карда мешавад ва 300 ҳазор нафар истеъмолгаронро бо нерӯи барқ таъмин мекунад. Дар натиҷаи татбиқи лоиҳаи нав 180 нафар шаҳрвандон бо ҷойи кори доимӣ таъмин мешаванд.

Дар вилоят дар як шабонарӯз ба ҳисоби миёна 1450 тонна, дар як сол 529,3 ҳазор тонна партов ҷамъоварӣ шуда, имкони коркарди пурраи партовҳо фароҳам оварда мешавад. Дар ҷараёни кор партовҳои аз 6 ноҳияи вилоят ҷамъовардашуда дар истгоҳи коркарди такрорӣ, ки дар ноҳияи Тӯрақӯрғон воқеъ аст, ба навъҳо ҷудо карда, ба корхонаи мазкур оварда мешавад.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

# НАВОӢ БА МИНТАҚАИ САБЗУ ХУРРАМ ТАБДИЛ МЕЁБАД

Соли панҷум аст, ки дар кишварамон бо ташаббуси Президент лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» роҳандозӣ мешавад. Мақсад аз татбиқсозии ин лоиҳа ба гулу гулзор табдил додани кӯчаҳо, барпо намудани боғҳои нав, таъмини аҳолӣ бо меваю сабзавоти фаровон, ба вуҷуд овардани муҳити тозаи экологӣ мебошад. Бо ин амали нек натанҳо гирду атроф обод ва сабзу хуррам мешаванд, балки дар тоза кардани ҳаво низ саҳм мегузорем. Дарахтон гази карбонро фурӯ бурда, оксиген хориҷ мекунанд. Ин ташаббуси нек дар вилоят идома дорад.

Тибқи маълумоти Хадамоти иттилоотии ҳокимияти вилояти Навоӣ дар доираи лоиҳаи умумимиллии «Макони сабз» барои соли 2025 дар вилоят дар мавсими тирамоҳ шинондани 8842 ҳазор дона ниҳолҳои манзаравӣ, дарахтони мевадиҳанда ва буттаҳо ба нақша гирифта шуда буд.

Ин ниҳолҳо бо тақсимот ба 11 шаҳру ноҳия ва ҳамчунин 15 соҳавӣ ҷудо карда шудаанд. Аз ҷониби ҳокимияти вилоят барои давраи аз 1 ноябр то 10 декабр графики 40-рӯзаи рузмарра таҳия гардида, дар асоси он ситоди назоратӣ фаъолият мебарад, мониторинги ҳаррӯза ба роҳ монда шудааст.

Дар ноҳияи Кармана дар масоҳати 200 гектар бо тартиби нав, ба таври марказонидашуда, аз ҷониби 80 корхона ва ташкилот ниҳолшинонӣ анҷом дода шуд. Бо дарназардошти шароити иқлимӣ ва қоидаҳои ниҳолшинонӣ беш аз 200 ҳазор ниҳол шинонида шуд. Дар як майдони бузург ҳар як корхона ва ташкилот дар қитъаи ба онҳо вобасташуда ниҳол шинонданд. Ҳар як қитъа бо низоми обёрӣ ва таъминоти об таъмин карда шудааст. Илова бар ин, дар баъзе ҳудудҳо низоми обёрӣ тавассути ҷӯйборҳо ва гулӯлаҳо роҳандозӣ мешавад.

Дар маҳаллаи Сардобаи ноҳияи Кармана таҳти роҳбарии ҳокими ноҳия Шоҳрух Болтаев дар доираи барномаи «Макони сабз» корҳои бунёди боғи нав дар масоҳати 100 гектар оғоз гардиданд.

Низоми кишт пурра ба низоми обёрии муосир таъмин карда шуд. Таъминоти об устувор буда, корҳои нигоҳдорӣ ва парвариши ниҳолҳо бар асоси талаботи агротехникии замонавӣ ба роҳ монда шудаанд.

Ҳокими вилоят Нормат Турсунов, ки татбиқсозии лоиҳаи «Макони сабз»-ро зери назорат гирифтааст, бо роҳбарони ташкилотҳои ноҳия мулоқот анҷом дод. Дар доираи лоиҳаи «Макони сабз» аз рафти корҳои ниҳолшинонӣ дар қитъаҳои замине, ки барои шинондани ниҳолҳо ҷудо карда шудаанд, шинос шуд.

Ба масъулони дахлдор ҷиҳати самаранок истифода бурдан аз заминҳо, таъсис додани боғҳо ва ба ин васила беҳтар намудани ҳолати экологӣ супоришҳо дода шуданд.

Дар ҳудуди маҳаллаи Гулистон-и ноҳияи Навбаҳор бошад, қитъаи бекорхобидаи масоҳаташ 13



гектар дар доираи лоиҳа обод карда шуда, ба як макони нави сабз ва кабудизор табдил дода шуд. Дар ин ҳудуд ҳашари васеи ниҳолшинонӣ баргузор гардид.

Дар ин чорабинӣ кормандони ташкилоту муассисаҳое, ки ба комплекси иҷтимоии назди ҳокимияти ноҳия тааллуқ доранд, инчунин созмонҳои ғайридавлатӣ, мактабҳои варзишӣ, кормандони муассисаҳои тиббӣ, мактабҳо ва муассисаҳои томактабӣ, ҳамчунин пирони маҳалла фаъолона иштирок намуданд.

Бо назардошти шароити иқлим ва технологияҳои дурусти ниҳолшинонӣ, то имрӯз дар ҳудуди муассисаҳои тиббии вилоят беш аз 30 ҳазор ниҳол шинонида шудааст. Ҳамзамон, корҳои шинондани ниҳолҳо ба таври марҳилавӣ, бо риояи талаботи сифат ва муҳлат давом доранд.

Чунин чорабиниҳои бунёдкорӣ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят идома доранд.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Вилояти НАВОӢ.*

# ТИББИЁТИ НАВ ДАР ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ

Касбу корҳои хуб бисёр. Яке аз касбҳои пуршараф шифокорист. Сарукордории одамизод ба як қатор соҳаҳо шояд маҳдуд, вале мо дар тӯли умр наметавонем ба духтурҳо муроҷиат накунем ва ба соҳаи тиб сарукор надошта бошем. Ё худ гуфтанием Вазорати тандурустӣ – вазорати ҳама.

Одатан соҳибони касбу корҳои гуногун дар соатҳои муайян ба кор рафта, ба хонаашон бармегарданд. Баъди фориғ шудан аз кори давлат метавонанд хотирҷамъ корҳои шахсии худро ба сомон расонанд ё истироҳат кунанд. Аммо ходимони тиб, мисли ҳарбиён, мисле соати муайяни корӣ надоранд.

Ҳамаи мо шоҳиди он мешавем баъзан чӣ тавр духтуреро, ки баъди кор ба хонааш рафтааст, бинобар зарурат – омадани бемори вазнин, ба беморхона ҷеғ мезананд. Вай наметавонад не гӯяд. Қасамёд, ки кардааст, ҳамеша омодааст дар чӣ гуна вазъияте набошад, ба бемор кӯмаки тиббӣ расонад, барои ҳаёт ва солимии вай худро масъул ҳис кунад.

Кор вазнин, масъулият бузург. Табибоне, ки сидқан аз пайи иҷрои вазифаанд, хеле зиёд. Вале шояд ба назарамон намояд, ки ордену медалдорҳо ва соҳиби унвонҳои фахрӣ дар байни духтурон он қадар зиёд не. Вале онҳо, тавре ҳамаамон медонем, аз ҳама бештар раҳмат мешунаванд, дуо мегиранд, азизи дилу дидаи халқанд. Ташаккурҳои самимонае, ки гуфта мешаванд, магар мукофот нест?

Ба наздикӣ, дар арафаи Рӯзи касбии ходимони тиббиёт, Президенти мамлакатамон Шавкат Мирзиёев низ дар номаи табрикиаш ин гуна арзи сипос кард: «Мо фаъолияти самаранокатонро дар роҳи рушди сохтори тиббиёти нав дар Ўзбекистони Нав баланд қадр мекунем ва барои меҳнати пурмасъулияти шумо самимона изҳори ташаккур менамоем».

Хушоянд он ки ғамхорӣ дар ҷодаи ривоҷ додани соҳа, эътибор ба ходимони соҳаи тандурустӣ ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта шудааст. Навъе роҳбари давлатамон таъкид кард, дар солҳои охир ҳаҷми маблағҳое, ки аз буҷаи давлатӣ ба соҳаи тиббиёт ҷудо мегардад, шаш баробар афзуд. Базаи моддӣ-техникии муассисаҳои нигаҳдории тандурустӣ, айни замон, хеле мустаҳкам гашт. Сифати хидматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ ба таври ҳисшаванда беҳтар шуд.

Натиҷаи ин гуна дигаргуниҳои мусбиро ҳамаи мо дар ҳаёти худ низ ҳис мекунем.

Чанд сол пештар ба гӯшаи хаёл намеовардем духтуру ҳамшираҳои поликлиникаҳои оилавӣ дар рӯзҳои муайян ба маҳалҳои атроф баромада, дар ягон ҷойи ба аҳолӣ қулай сокинонро аз назорати тиббӣ мегузаронанд. Баробари ёфт шуда мондани нишонаи беморӣ шахс ба муолиҷа ҷалб карда мешавад.

Дар ҳар поликлиника ҳоло дорухонаҳо мавҷуд. Мувофиқи нишондоди духтурон онҳое, ки барои муоина омада, аз саломатиашон шикоят доранд, бо доруворӣ зарурӣ бепул таъмин карда мешаванд. Аз имтиёзҳо, хусусан, аъзои оилаҳои камтаъмин, шахсони танҳо, ногиро ва нафақагирҳо бештар бархурдор шуданашон мумкин. Агар эҳтиёҷманд сари вақт ба дорухона рафта натавонад, доруворӣ заруриро ҳамшира ба манзилаш бурда медиҳад.

Муроҷиат ба «Ёрии таъҷилӣ» марказонида шуда, дар хидмати ёрии таъҷилии тиббӣ сохтори идоракунии электронии даъватҳо ҷорӣ шудааст. Баъди чанд дақиқаи даъват мошин ба манзили бемор расида меояд. Хидматрасонӣ, албатта, ройгон аст.

Поликлиникаҳои оилавӣ вақтҳои охир хидматрасонии электрониро ба роҳ гузоштанд. «Дафтарчаҳои тиббӣ» (анкетаҳо) дар телефонҳои мобилии муроҷиаткунандагон ҷойгир мешаванд.

Умуман дар соҳаи тибби ҷумҳурӣ платформаи иттилоотии электронии ягона (DMED) ба кор андохта шуда, дар он алъон маълумотҳои тиббӣ дар бораи бештар аз 36 миллион нафар сокинони ҷумҳурии мо ворид карда шудаанд. Дар сохтори Вазорати тандурустӣ маркази «Тандурустии рақамнок» кушода шудааст.

Ҳамаи ин, бешубҳа, аз равнақи тиббиёт ва ғамхориҳои давлатӣ дар солҳои охир гувоҳӣ медиҳанд ва хушнудкунандаанд.

Соли 2025 бори аввал дар мамлакати мо ба муассисаҳои тиббии давлатӣ технологияҳои роботӣ ворид шуданд. Дар солҳои наздике, ки сипарӣ гардиданд, корҳои рақамикунонии тиббиёт ба давраи нав баромад.

Алалхусус баъди ба сари қудрат омадани муҳтарам Шавкат Мирзиёев тандурустӣ дар Ўзбекистон ба яке аз соҳаҳои пешрав табдил ёфт. Ба равнақи тибби ин диёр таваҷҷуҳ нигаронда, тавре ба мушоҳида мерасад, намояндагони як қатор давлатҳои ҳамсоя ба ин ҷо барои муолиҷа меоянд. Ҷарроҳиҳои мураккаб натанҳо дар пойтахт, инчунин дар муассисаҳои тиббии маркази вилоятҳо, ҳатто гӯшаҳои дурдаст бомуваффақият гузаронда мешаванд. Бо ифодаи дигар, бештар аз чаҳорсад навъ хидматҳои тиббии баландтехнологӣ, ки танҳо дар Тошканд расонда мешуданд, акнун дар вилоят ва ноҳияҳо низ ба амал татбиқ карда мешаванд.

Ҳамкорӣ бо хориҷ дар ин самт торафт мустаҳкам мешавад. Таҷрибаивазкуниҳо чи дар Ўзбекистон ва чи дар хориҷ натиҷаҳои дилхоҳ мебахшанд.

Саъйҳо дар роҳи равнақ додани соҳа самара бахшида, маданияти тиббӣ боло меравад, тарзи солими ҳаёт дар ҳар хонадон мазмуни тоза пайдо менамояд.

Тавре фактҳо гувоҳӣ медиҳанд, аз соли 2017 сар карда, то андозае, дарозумрӣ низ дар Ўзбекистон ба мушоҳида мерасад. Дараҷаи миёнаи умрбинӣ дар кишвари мо аз 73,8 ба 75 сол боло рафтааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад шароити зиндагии аҳолӣ сол то сол хубтар мешавад. Нишондиҳандаи марги модарҳо аз 21 промилле ба 11 промилле, нобудшавии кӯдакон бошад, аз 11,5 промилле ба 7, 8 промилле поён фуромадааст.

Ба гуфтаи роҳбари давлати мо, навъҳои санҷишҳои тиббӣ ва муолиҷаҳо дар 43 навъ бинобар татбиқи интеллекти сунъӣ ба роҳ гузошта мешаванд.

Ҷорӣ намудани механизмҳои суғуртавии тиббӣ низ дар мамлакатамон аз пешравии соҳа дарак медиҳад ва ба солимгардонии самаранок мусоидат месозад.

Ҳаҷми маҳсулоти миллӣ дар бозори фарматсевтикии мамлакат афзуда, дар дорухонаҳоямон маҳсулоти маҳаллӣ ҷойи асосиро ишғол менамояд. Баробари муассисаҳои профилактикиву давоӣ навъҳои зиёди дорувор сари вақт ба аҳолӣ дастрас гардонда мешавад. Як вақтҳо доруворро асосан аз хориҷ бо нархҳои гарон харид кунем, алҳол баробари воридот содироти воситаҳои давоӣ торафт бештар аҳамият пайдо менамояд. Маҳсулоте, ки корхонаҳои фарматсевтикии маҳаллӣ кор карда мебароранд, дар бозори ҷаҳонӣ ҷойгоҳи худро доранд.

Бештар аз 150 адад корхонаҳои ватанӣ маҳсулот бароранд, доруворӣ мо бо бехатарӣ, хушсифатӣ ва таъсиргузорӣ ҷудо шуда меистанд ва ба талаботи андозаҳои байналхалқӣ ҷавобгӯ мебошанд. Номгӯйи воситаҳои давоӣ бошад, наздик дуюним ҳазорторо ташкил менамояд.

Бо мақсади навсозӣ ва бо таҷҳизоти асрӣ таъминнамоии корхонаҳои фарматсевтикии маҳаллӣ аз хориҷ сармояҳо ҷалб ва лоиҳаҳои зиёд ба амал бароварда мешаванд.

Ба фактҳо низ муроҷиат сохта, комёбиҳо дар соҳаро равшан мушоҳида карда метавонем. Истеҳсоли дорувор аз соли 2017 сар карда, аз 1,4 триллион сӯм ба 6,3 триллион сӯм, миқдори содирот бошад, ба соли 2025 омада, аз 6,3 миллион доллар то 250 миллион доллари амрикоӣ сабзидааст.

Татбиқи амалии худро ёфтани нуктаҳои фармони роҳбари давлати мо «Дар бораи чораҳои иловагии ба тартиб андохтани соҳаи фарматсевтика» аз моҳи январи соли 2024 дар ин самт равшан ба назар мерасад.

Ба омодасозии кадрҳои малаканок низ эътибор пурзӯр аст. Бо мақсади боз ҳам ташаккул додани сохтор ба наздикӣ бо муттаҳидсозии се муассисаи тиббии олӣ Донишгоҳи давлатии тиббии Тошканд ташкил карда шуд. Дар Хоразм Институти давлатии тиббии Урганҷ ба фаъолият оғоз намуд. Университети давлатии тиббии Самарқанд дар яке аз рейтингҳои бонуфузи байналхалқӣ ҷой пайдо кард.

Алъон муассисаҳои таълими олии тиббӣ, ки дар доираи байналхалқӣ номнавис шудаанд, ҳаштторо ташкил менамоянд, ки ин низ аз бештар эътибор пайдо кардани соҳаи тандурустии мо ва таълими босифати мактабҳои олии тиббиамон дар миқёси ҷаҳон гувоҳӣ медиҳад.

**М. ШОДИЕВ.**

*ДУ ХАБАР АЗ СУРХОНДАРЁ*

## БА ИСТИФОДА СУПУРДАНИ БИНОИ СУДӢ-ЭКСПЕРТИЗАВӢ

***Дар вилояти Сурхондарё бо мақсади баланд бардоштани сифати хидматрасонии судиву экспертӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои аҳолӣ, боз як лоиҳаи муҳим – бинои нави шуъбаи вилоятии Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судии ба номи Хадича Сулаймонова ба истифода дода шуд.***

Дар маросими тантанавии ба истифода супоридани бино ҷонишини вазири адлия М. Оллоқулиев, муовини ҳокими вилоят А. Амиров, масъулони мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, роҳбарони идораҳои давлатӣ ва намояндагони воситаҳои ахбори омма иштирок намуданд.

Дар бинои нав тибқи талаби замон имконияту шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, бори аввал лабораторияи экспертизаи судӣ-биологии ДНК-и инсон фаъол гардид ва акнун шаҳрвандон метавонанд аз хидмати муайян кардани падари биологӣ, бевосита, дар вилоят баҳра бардоранд. Ин барои аҳолӣ имконияти сарфаи вақту маблағ, барои ҷараёнҳои судию тафтишотӣ дақиқию тезкориро фароҳам меоварад.

Дар доираи чорабинии мазкур барои кормандони мақомоти судию тафтишотӣ ва намояндагони мудофиа семинари махсус доир ба экспертизаи судӣ ва тартиби кори лаборатория созмон дода шуд.

Ба кор шурӯъ кардани лабораторияи нав ба таъмини адолат, кафолати ҳуқуқии шаҳрвандон ва баланд бардоштани шаффофияти хидматрасонии экспертизаи судӣ мусоидат менамояд.

## МУАРРИФИИ ЛОИҲАҲОИ НАВ

***Дар ноҳияи Узун лоиҳаҳои соҳаи саноат, сохтмон ва сайёҳӣ муаррифӣ гардиданд.***

Корҳо доир ба баланд бардоштани сатҳи иқтидори соҳибкорӣ дар минтақаҳо, беҳсозии фазои тиҷоратӣ ва густариши бахши хусусӣ натиҷаи матлуб медиҳанд. Ноҳияҳои собиқе, ки асосан бо кишоварзӣ сарукор доштанд, имрӯзҳо дар самти саноату хидматрасонӣ бо суръат рушд мекунанд. Ноҳияи Узун низ солҳои охир ба яке аз минтақаҳои саноатӣ табдил меёбад.

Сафари навбатии ҳокими вилояти Сурхондарё Улуғбек Қосимов ба ин ноҳия аз шиносоӣ ва муаррифии лоиҳаҳои ҶММ “Jasur Building” оғоз ёфт. Корхона, ки 30 нафар дар он фаъолият доранд, баъди татбиқи лоиҳа доир ба сангмайдакунӣ ва истеҳсоли маҳсулоти бетонӣ, 3 ҳазор тонна маҳсулот омода хоҳад кард.

Дар ин ҷараён, ҳамчунин, аз ҷониби ҶММ “Tematon Grour” лоиҳае оид ба бунёди маҷмааи экотуристӣ муаррифӣ гардид. Ҳоким дар идомаи сафар аз қитъаи замини холие, ки дар маҳаллаи Файзова ба савдои музояда гузошта шудааст, боздид ба амал овард. Дар ин мавзеъ пешниҳодҳо доир ба бунёди коттеҷҳои истиқоматӣ, кӯдакистон, иншооти савдо ва хидматрасонӣ баррасӣ шуданд. Татбиқи лоиҳа имкон медиҳад, ки аҳолӣ бо манзили истиқоматӣ таъмин гардад ва 85 ҷойи кории нав таъсис дода шавад.

Ҳокими вилоят пас аз ошноӣ бо пешниҳодҳо ба масъулон супориш дод, ки лоиҳаҳо такмил дода шаванд ва барои ҳалли масъалаҳои ташкиливу ҳуқуқии онҳо чораҳо андешанд.

**Сурайё НОРМАНӢ.**

*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

*Санҷиши қалам*

## *Афрӯзаи китобхон*

*Ман Афрӯзи тавоно ,*
*Дар мактаб шудам доно,*
*Аз китоби Алифбо,*
*Навиштем ҳарфу ҳиҷо.*
*Бинед, ки аз ду ҳиҷо,*
*Ҳосил шуд »ҷаш-ни» зебо,*
*Панҷ ҳиҷо шуд чун ният,*
*Ҳосил шуд*
*«Ис-тиқ-ло-ли-ят»*
*Се ҳиҷои қаторак,*
*Садо доданд: »Му-бо-рак».*
*Аз чор ҳиҷои тобон,*
*Ҳосил шуд,*
*«Ӯз-бе-кис-тон»,*
*Ёрон, шумо ҳам ҷӯед,*
*Ҳарфи наве биёред.*
*Ҷавобашро ёфта,*
*Аломат ҳам гузоред.*

***Шуҳрат НУРНАЗАРОВ,***
***омӯзгор.***
*Вилояти НАВОӢ.*

## *Муаллим*

*Эй муаллим, меҳри ту чун баҳр бошад беканор,*
*Ҳар даме хезад зи он мавҷи умеду ифтихор.*
*Нури илмат раҳнамоӣ мекунад бар кӯйи бахт,*
*Дар дилат пинҳон бувад сидқу вафои ин диёр.*

*Дар ҷаҳони мо набошад ҷуз ту як иршодгар,*
*Бо дуоят роҳҳои орзу доим равон.*
*Дар фазои зиндагӣ болу парӣ ба ҳар яке,*
*Номи неку заҳматат дар ёд монад ҷовидон.*

***Саъбагул ТӮЕВА,***
***донишҷӯйи соли аввали Донишгоҳи забонҳои ҷаҳони Ӯзбекистон.***

# УСУЛҲОИ МУОСИР – ОМИЛИ БЕҲБУДИ СИФАТИ ТАЪЛИМ

***Дар толори Фарҳангистони бадеии Ӯзбекистон таҳти унвони «Усулҳои муосири таълим дар муассисаҳои таълимии фарҳангӣ ва бадеӣ: дастовардҳо ва мушкилот» конфронси байналмилалӣ баргузор гардид. Конфронс аз ҷониби Вазорати фарҳанги Ӯзбекистон якҷоя бо Созмони исломии маориф, илм ва фарҳанг (ICESCO), Маркази илмию методии ҷумҳуриявии рушди маориф ташкил карда шудааст.***

Дар он тақрибан 100 нафар олимон, мутахассисони соҳа, намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илмӣ, роҳбарони ташкилотҳои таълимӣ, омӯзгорон, муҳаққиқон, аспирантҳо, донишҷӯёни боистеъдод, шахсони манфиатдори 10 кишвар аз тариқи офлайн ва онлайн иштирок карданд.

Саида Қосимхоҷаева, профессори Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон дар он гуфт:

– Ҳадафи асосӣ баррасии масъалаҳое мебошад, ки ба беҳтар кардани сифат ва самаранокии таълим дар муассисаҳои фарҳангӣ ва санъат, ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва усулҳои муосир дар раванди таълим нигаронида шудаанд.

Вай афзуд, ки омӯзиши таҷрибаҳои пешрафтаи байналмилалӣ, тақвияти ҳамкорӣ бо олимони хориҷӣ, ташкили вохӯриҳои эҷодӣ ва дарсҳои омӯзиши маҳорат мастер-классҳо низ аз омилҳои муҳими ин самт маҳсуб мешаванд.

Интизор меравад, ки дар соҳаи маорифу фарҳанг ва санъат байни олимони ин соҳа минбаъд бештар ҳамкориҳо ба роҳ монда шаванд.

**Шаҳноза ТӮРАЕВА,**
**корманди дафтари матбуоти Вазорати фарҳанги Ӯзбекистон.**



# ЯРМАРКАИ САВДОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ТИРМИЗ

***Бо мақсади мустаҳкам намудани робитаҳои иқтисодии байналмиллӣ ва фароҳам овардани шароиту имкониятҳои васеъ ба соҳибкорону тоҷирон дар Маркази савдои байналмиллии Тирмиз бо ҳамкории ташкилотҳои расмии Ӯзбекистону Афғонистон, барномаи тараққиёти СММ, Иттифоқи Аврупо ва Airitom Free Zone намоиш-ярмаркаи савдои байналмиллӣ ташкил карда шуд.***

Дар намоиш-ярмарка истеҳсолкунандагон ва экспортчиёни ватаниву хориҷӣ, тоҷирону инвесторҳо маҳсулот ва намудҳои хидматгузории хешро намоиш доданд. Мулоқотҳои муфиде, ки дар ҷараёни намоиш байни иштироккунандагон ташкил карда шуд, барои ташкил ва тарғиб намудани ғояҳои нави тиҷорат, амалӣ намудани лоиҳаҳои бузург дар соҳаи савдо ва боз ҳам амиқтар намудани ҷараёнҳои ҳамкории иқтисодӣ хидмат намуд.

Дар доираи барномаи чорабинӣ як қатор созишномаҳо ба имзо расиданд. Тадбиркорон барои рушди тиҷорати худ, амалӣ намудани як қатор лоиҳаҳои бузургҳаҷму манфиатбахш ва васеъ намудани ҳаҷми содироти маҳсулот шартномаҳо имзо намуданд. Ташкилкунандагони намоиш-ярмарка тасмим гирифтанд, ки барои рушди соҳибкорӣ ва мустаҳкам намудани алоқаҳои иқтисодӣ минбаъд низ чунин чорабиниҳоро ташкил менамоянд. Намоиш-ярмаркаи навбатӣ дар санаи 3-5 декабр баргузор хоҳад шуд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# СУХАНОНИ ҲИКМАТОМЕЗИ БУЗУРГОН

Ононе, ки гоҳе ба наъл мезананду гоҳе ҳам ба мех, саранҷом чаккуши воқеият ба ангушташон мехурад.

**Алберт ЭЙНШТЕЙН.**

Касе, ки ба дигарон некӣ мекунад, он некӣ барои худи ӯ низ мебошад.

**Ҷонсон ГИЛОТСОН.**

Вақте туро фурӯхтанд, мисли ин аст, ки дастатро шикаста бошанд. Ту метавонӣ онҳоро бубахшӣ, вале имкони ба канор гирифтан нест.

**Л. ТОЛСТОЙ.**

Туҳмат қасоси тарсуён бошад.

**Сэмоэл ҶОНСОН.**

Ҳеч чизе дар дунё сахттар аз гуфтани ҳақиқат ва ҳеч чизе роҳаттар аз чоплусӣ нест.

**Ф. ДОСТОЕВСКИЙ.**

Ман метавонам ҳаракати аҷсом (ҷисмҳо)-ро андозагирӣ кунам. Аммо наметавонам ҳамоқат (аблаҳӣ)-и инсонро бисанҷам.

**И. НЮТОН.**

Аз камони душману таъзими ӯ
эмин мабош,
Ҳар камоне хам шавад,
бо тир мегӯяд сухан.

**Носир ГАВҲАРӢ.**

Касе, ки чарбзабониву чоплусӣ карданро балад аст, туҳмат задан ҳам барои ӯ душвор нест.

**Бонапарт НАПОЛЕОН.**

Садоқати беш аз андоза хубӣ надорад.

**Милон КАНДОР.**

Ҳадаф аз пулдор шудан ин нест, ки ҳама чизро бихарӣ. Ҳадаф ин аст, ки ҳеч кас натавонад туро бихарад.

***

Доштани илм беҳтар аз доштани сарват аст. Вале надоштани сарват бадтар аз надоштани илм бошад.

**Вилям ШЕКСПИР.**

Гоҳе дар сукут чизҳое мешунавӣ, ки ҳеч садое қодир ба гуфтанаш нест.

**Чарли ЧАПЛИН.**

**Тарҷума ва таҳияи А. СУБҲОН.**

***Дар Маркази хидмати иҷтимоии рӯзонаи «Имкон»-и ноҳияи Самарқанд қариб 50 нафар кӯдакони нуқсони рушди ақлӣ ва ҷисмонидошта таълим ва тарбия мегиранд. Марказ бо ҳамкории Агентии миллии ҳимояи иҷтимоии назди Президент фаъолият мекунад.***

# «ИМКОН» – ИМКОНИ БАЧАҲО

3-юми декабр – Рӯзи ногироён гурӯҳи эҷодкорони Самарқанд ба муассисаи ихтисосии «Имкон» рафта, бо кӯдакон суҳбат карданд.

– Ҳарчанд ин кӯдакон ба назар малӯлу ногироянд, онҳо фарзандони оилаҳои устувор ва солиманд, – гуфт шоир Раҳимҷон Наимӣ. – Дилҳояшон ба шеър ошуфта ва чашмонашон пур аз муҳаббат аст. Бо онҳо суҳбат карда, дар қалби кас ҳиссиёти аҷиб ва шукргузорӣ бедор мешавад.

– Ман қариб бист сол сардори Ҷамъияти «Занони ногиро» будам, – гуфт шоир Эътибор Маҳмудова. – Бо шахсони имконияташон маҳдуду қалбашон соф борҳо дар мулоқот шудаам. Дилашон ба зиндагӣ гарм, ҳамеша сӯйи мақсади неки худ ҳаракат доранд. Мехоҳанд барои рушди ҷомеа ҳиссаи худро ҳамроҳ кунанд. Бо дили пок зиндагӣ карданро аз инҳо ёд гирифтан лозим.

Тарбиягирандагон мисли Ӯлмасҷон, Шоҳрух, Амина, Самира, Тӯйчибек ва Шаҳризода аз мураббиён Умеда Расулова, Парвина Умарова, Зӯҳро Сафарова, Гулсара Исмоилова ва Баҳора Азизова шеър хондан ва рақс карданро меомӯзанд.

**Озод ҲАМИДЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# СЕМИНАР ОИД БА ТАНЗИМИ ҶАШНУ МАРОСИМ

***Дар маҳаллаи Келачии ноҳияи Поп оиди такмили минбаъдаи танзими тӯй ва маросимҳо, ҷашнҳои оилавӣ семинар баргузор гардид.***

Дар чорабинӣ раиси шуъбаи вилоятии бунёди «Нуронӣ» Икромхон Наҷмиддинов, роҳбари шуъбаи вилоятии Маркази ҷумҳуриявии маънавият ва маърифат Мӯсохон Апқаов, роҳбари шуъбаи вилоятии Ассотсиатсияи маҳаллаҳои Ӯзбекистон Аҳадҷон Мирзоев, ҳокими ноҳия Ғуломҷон Муродхӯҷаев, ташкилотҳои дахлдор, намояндагон ва фаъолони маҳаллаҳои ноҳия иштирок карданд.

Дар рафти семинар оиди масъалаҳои муҳими рӯз, аз қабили тартиби гузаронданни ҷашну маросимҳо, тарбияи ҷавонон, тарзи ҳаёти солим, бартараф намудани мушкилот ва масъалаҳои оилаҳои камбизоат баромадҳо шунида шуд.

Ба иштирокчиёни чорабинӣ барномаи Маркази ҷумҳуриявии маънавият ва маърифат таҳти мавзӯи «Тӯйҳои мо – рамзи маънавият ва муҳаббат» ва намунаи «Таомнома», ки мувофиқи талаботи қарори Девони Вазирон аз 16 сентябри соли ҷорӣ таҳия шудааст, дода шуд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

# ҒОЛИБОНИ ОЗМУНҲОИ «ХОНАДОНИ ОБОД» ВА «МАҲАЛЛАИ ОБОД» МУАЙЯН ШУДАНД

***Чи хеле ки маълум аст, бо ташаббуси Иттиҳоди маҳаллаҳои Ӯзбекистон озмун-азназаргузарониҳои «Хонадони обод», «Кӯчаи обод» ва «Маҳаллаи обод» баргузор мегардад.***

Дар маҷлисгоҳи Институти тиббии Бухоро ба номи Абӯалӣ ибни Сино марҳилаи вилоятии ин озмун ба амал омад. Дар он намояндагони 516 маҳаллаи вилоят беҳтарин будани худро дар амал исбот карда, барои соҳибшавӣ ба роҳхати марҳилаи ҷумҳуриявии озмун бо ҳам рақобат карданд.




Соҳибони ҷойҳои дуюм, сеюми озмун низ тақдир ёфтанд.

Ба доварон муайян кардани ғолибон кори осон набуд. Зеро ҳозирҷавобии иштироккунандагон, аксу манзара, навору суратҳои ифодакунандаи ҷараёни кор дар ҳудудҳо чун ҳуҷҷат, далели ашёвии раднопазир, асоснок ва яке аз дигаре беҳтар ба чашм мерасид. Ба иштирокдорони озмун бо низоми 10-холӣ баҳо гузошта шуд. Ниҳоят мувофиқи натиҷаҳои ниҳоӣ дар номинатсияи «Хонадони обод» сокини маҳаллаи «Ӯбасӯлӣ»-и ноҳияи Когон Шӯҳрат Шукуров, барандаи номинатсияи «Кӯчаи обод» кӯчаи Баҳовуддини Нақшбанди ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Имом Бухори»-и ноҳияи Қаровулбозор ва дар номинатсияи «Маҳаллаи обод» маҳаллаи «Ӯзбекистон»-и ноҳияи Когон ғолиб омада, ҳуқуқи иштирок дар марҳилаи ҷумҳуриявиро ба даст даровper.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# МУЛОҚОТИ КУШОД ДАР «МИНТАҚАҲОИ САНОАТӢ ВА СОҲИБКОРОНИ ҶАВОН»

***Хадамоти иттилоотии ҳокимияти вилояти Навоӣ хабар медиҳад, ки дар «Минтақаи саноатӣ ва соҳибкорони ҷавон» имкониятҳои тиҷоратӣ барои соҳибкорони ҷавон васеъ гардида истодааст. Дар шаҳри Навоӣ дар ин бобат мулоқоти кушод баргузор гардид.***

Мақомот оиди корҳои анҷомёфта дар ҳудуд, марҳилаҳои рушди минтақа, чораҳои зиёд намудани шароити шуғли ҷавонон, майдонҳои мавҷудаи замин, таъминоти барқ ва об, имкониятҳои логистикӣ ва шароитҳои ҷудошуда барои стартапҳо маълумот пешниҳод карданд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

***Маълум аст, ки алҳол бисёр кишварҳои олам, аз ҷумла Миср, Италия, Фаронса, Туркия, Ҳиндустон ва ғайра сайёҳии дохилӣ ва хориҷиро ҳамчун сутуни асосии иқтисодиёти миллии хеш ривоҷу равнақ медиҳанд. Бо сиёсати дурандешонаи сарвари давлат дар Ӯзбекистони Нав низ дар ин бобат тадбирҳои судманд амалӣ мешаванд.***
***Суҳбати мо бо корманди оид ба туризми ҳокимияти вилоят, муҳаққиқи мустақили Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва мероси фарҳангии «Роҳи абрешим» Ҷасур РАҲМОНОВ доир ба таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон бинобар вусъат додани сайёҳии дохилӣ ва хориҷӣ ҷараён гирифт.***

# ТАҶРИБАҲОИ ҶАҲОНӢ ДАР САМАРҚАНД

– Муштариёни «Овози тоҷик» албатта, медонанд, ки Президент қариб дар ҳар як ҷамъомади видеоселекторӣ манбаи даромад будани ин соҳаро таъкид мекунанд, – мегӯяд Ҷасур Раҳмонов. – Боиси хушнудист, ки бо ташаббусу дастгирии сарвари давлат Самарқанд ба маркази сайёҳӣ табдил ёфт. Танҳо дар 10 моҳи охири соли равон мо қариб се миллион меҳмони хориҷӣ ва панҷ миллион сайёҳӣ дохилиро қабул кардем.

Чанде пеш бо иштироки Президент иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои намояндагони халқи вилояти Самарқанд баргузор гардид. Дар он Шавкат Мирзиёев аз ҷумла гуфтанд: «Мо тавонистем Самарқандро ҳам барои аҳолию соҳибкорон ва ҳам барои сайёҳону сармоягузорон ба минтақаи ҷолиб табдил диҳем».

Албатта, роҳбарони мақомоти маҳаллиро зарур аст, ки дар ин самт ташаббускору навовар бошанд, аз таҷрибаи кишварҳои пешқадами хориҷӣ пурсамар истифода баранд.

**– Шахсан шумо дар куҷо таҷрибаомӯзӣ кардед?**

– Ман дар Ҷопон, Куриёи Ҷанубӣ, Сингапур, Ҳиндустон, Фаронса, Англия ва боз чанд кишвари ҷаҳон будам.

Моҳи сентябри соли равон мо ба ҳайати калон ба иёлати Пенсилванияи ИМА сафар карда, аз минтақаи Амиш (Amish Country) боздид намудем. Воқеан тарзи зиндагӣ, арзишҳо ва маданияти халқи амиш на фақат дар ИМА, балки дар тамоми ҷаҳон ҳамчун як падидаи аҷибу матлуб шинохта шудааст.

Амишҳо дар охири асри XVII аз Олмон ва Швейтсария ба қитъаи Амрико кӯч бастаанд. Тааҷҷубовар аст, ки ин мардум аз он замон то имрӯз дар Пенсилвания бидуни истифода аз технологияи муосир зиндагӣ мекунанд. Онҳо мошин надоранд, аз нерӯи барқ истифода намебаранд, аз телефон ва шабакаи Интернет низ. Воситаи асосии ҳаракат бошад, аспу ароба аст. Табиист, ки чунин тарзи ҳаёти мардум боиси таваҷҷуҳи сайёҳону меҳмонони хориҷист. Дар ин ҷо меҳнат арзиши бузург дошта, кор дар шакли дастҷамъӣ анҷом меёбад.

Ин аст, ки Амиш ба минтақаи ҷолиби сайёҳӣ табдил ёфтааст. Ба мо гуфтанд, ки соле 4-5 миллион сайёҳу меҳмони хориҷӣ ба ин ҷо сафар мекунанд, ки ин ба иқтисодиёти минтақа саҳми арзанда мегузорад.

Дар Ҷопон, Чин ва дигар мамлакатҳои арабу Аврупо бошад, дар ин соҳа ба тарзи дигар маблағҳои кофӣ ба даст меоваранд.

**– Оё метавон ин таҷрибаҳоро дар Самарқанд ҷорӣ кард?**

– Бешубҳа, чунончи, дар ноҳияҳои Ургут, Самарқанд, Пастарғам минтақаҳои дорои манзараҳои нотакрор, табиати зебову хушҳаво, таомҳои маъмули миллӣ, мусобиқаҳои қадима, фолклор ва тарзи истифода аз аспу ароба мавҷуданд. Борҳо дидаву шунида ва гувоҳ гардидаем, ки сайёҳону меҳмонони хориҷӣ ба деҳаҳои кӯҳистон, чун Оҳалик, Оқсой, Сойи Ғӯс, Оқбурё, Камонгарон ва ғайра сафар карда, аз табиати нотакрори ин деҳот баҳра бурдаанд, ба ваҷд омадаанд.

Ҳокими вилояти Самарқанд Адиз Бобоев ислоҳоти соҳаи сайёҳӣ, сармоягузорӣ ва дигар навгониҳоро пайваста дастгирӣ карда, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки харитаи ягонаи сайёҳӣ ба ҳаёт бештару хубтар ҷорӣ шавад, пешниҳод дар бораи ҳамчун «Рӯзи саёҳат бо оила ва ҷамоаи корӣ « эълон гардидани ҳар шанбе ва якшанбеи аввали моҳ ба сифати ташаббуси муҳими иҷтимоӣ арзёбӣ гардад.

Суҳбаторо

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# ВОХӮРИИ ҶАВОНОН ВА СЕНАТОРОН

***Дар Донишгоҳи давлатии кӯҳӣ ва технологияи Навоӣ бо иштироки аъзоёни Сенати Олий Маҷлис вохӯрии «Сенаторон ва ҷавонон» баргузор гардид.***

Мақсади асосии вохӯ-рӣ иборат аз он буд, ки дар зеҳни ҷавонон тасаввури пурра доири моҳият ва мазмуни сиёсати давлатӣ, самтҳои афзалиятноки ислоҳоти дар ҳоли амалисозӣ, имконият ва механизмҳои ҷонибдориро шакл дода, ҳамчунин андеша ва мулоҳизаҳои онҳо шунида шуда, ташаббусҳояшон ҳавасманд гардонида шаванд.

Сенаторон таъкид намуданд, ки масъалаҳои ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дар кишвари мост. Онҳо дар бораи шароити таълимӣ ва илмии фароҳамовардашуда барои ҷавонон дар вилояти Навоӣ, низоми грантҳо, стипендияҳо, ҳамчунин ташаббусҳои нав дар доираи лоиҳаҳои маҳаллӣ маълумоти муфассал пешниҳод карданд.

Дар ҷараёни чорабинӣ ба саволҳое, ки аз ҷониби ҷавонон дода шуданд, аз ҷониби сенаторон посуххои ҳамаҷониба дода шуд. Ҳамчунин, ҷавонон пешниҳод ва фикрҳои худро низ баён намуданд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# БОҒҲОИ ИНТЕНСИВ БАРПО МЕШАВАНД

***Дар хоҷагии фермерии «Чӯлпанова Лолахон», ки ба ширкати кишоварзии «Саид Барака Доли Сатторов» тааллуқ дорад, машварати вилоятӣ баргузор гардид.***

Дар он масъалаҳои ба ҷойи боғҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ бесамар ва кӯҳнашуда бунёди боғҳои интенсивии замонавии саноатӣ баррасӣ шуданд.

Ба ҷойи 10 гектар замини аз ҷиҳати иқтисодӣ бесамари хоҷагии деҳқонии «Чӯлпанова Лолахон» лоиҳаи бунёди боғи интенсивии кӯчати олу амалӣ карда мешавад. Дар доираи лоиҳа, ки арзиши умумии он 600 миллион сӯмро ташкил медиҳад, воридоти 8 ҳазор ниҳоли навъи олуи содиротии «Blask Splendor»-и Туркия ба нақша гирифта шудааст.

Иштирокдорони машварат инчунин бо корҳои шинондани маҳсулоти кишоварзӣ дар қаторҳо бо усули нав, ободонии канори майдон ва роҳҳо дар заминҳои хоҷагии «Раъно-2000» шинос шуданд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

# ДЎСТОНИ МЕҲРУБОН, ЁДАМ КУНЕД...

*Намонад касе дар ҷаҳон пойдор,*
*Ҳамон номи некў бувад ёдгор.*
***(Абулқосим ФИРДАВСӢ).***

Дар саҳифаҳои таърихи матбуоти тоҷик номи як идда чеҳраҳои мондагоре сабт ёфтааст, ки соҳибони он на танҳо бо навиштаҳои худ, балки бо ҷасорату матонат, ҷоннисорӣ ва эҳсоси масъулият барои дигарон намунаи ибрат мебошанд. Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ, Саидризо Ализода, Ҳоҷӣ Муин, Абдуқаюм Қурбӣ, Отахон Латифӣ, Муҳиддини Олимпур ва Муродуллоҳ Шерализода аз ҳамин шуморанд.

Иттифоқ афтод, ки дар гиромидошт ва 80-умин солгарди шодравон Муродуллоҳ Шерализода – ходими сиёсию давлатӣ, журналисти варзида, инсони поксиришту бебок, муборизи ҳақиқату адолат, қаламкаши нававару пешқадам ва дорои як қатор фазилатҳои беназири инсонӣ ширкат кунем.

Дар аснои сафар ба Панҷакент гузаргоҳи марзии Ўзбекистону Тоҷикистонро зуд убур намудем. Мошин моро ба воситаи шаҳри Панҷакент ва чанд рустоҳои сари роҳ ба деҳаи хушбоду ҳавои Панҷрўд расонид. Аввал мақбараи Одамушшуаро Абўабдуллоҳи Рўдакиро зиёрат кардем.

Боздид аз осорхона ва китобхонаи маҷмааи таърихиву фарҳангии мақбараи устод Рўдакӣ низ дар мо таассуроти хуб боқӣ гузошт. Зеро он ҷо ғайр аз шоҳбайтҳои устод Рўдакӣ, ки ҳама аз панду ардарз иборатанд, инчунин ашёи бозёфтҳои нодире, ки бостоншиносон аз Панҷрўд ба даст овардаанд, ба намоиш гузошта шудаанд. Дар хазинаи китобхонаи он китобҳои зиёде мавҷуданд, ки бо хатҳои арабиасосу сирилик нашру чоп шудаанд. Қисме аз он бевосита ба осори Абўабдуллоҳи Рўдакӣ мутааллиқанд, инчунин дар рафҳои дигар адабиётҳои илмиву ирфонӣ ва амсоли онро низ мушоҳида кардан мумкин аст.

Зимни сухбате, ки дар маҷмааи таърихиву фарҳангии устод Рўдакӣ дар Панҷрўд сари як пиёла чой сурат гирифт, донистем, ки чорабинии мазкур бо кўшиш ва эҳтимоми бунёдгузори медиа холдинги «Оила», сардабири ҳафтаномаи «Тоҷикистон» Шариф Ҳамдампур ва бо дастгирии раиси шаҳри Панҷакент Абдухолиқ Холиқзода роҳандозӣ шудааст.

Ба гуфтаи ҳамкорону дўстон Муродуллоҳ Шерализода солҳои мактабхонӣ гову гўсфандони худ ва ҳамсояҳоро мечаронидааст ва дар дашту кутал шеърҳои азбарнамудаашро бо овози баланд мехондааст. Ҳатто боре дар 13-солагӣ шеъри «Бўйи ҷўйи Мўлиён»-ро чунон зебо қироат кардааст, ки ҳозирини маҳфил, аз ҷумла устоди арҷманд Мирзо Турсунзода ва донишманди маъруфи Эрон Саид Нафисӣ аз қироати ў лаззат бурдаанд.

Дар китоби «Вақте ки ҳақиқат тир хўрд»-и Шариф Ҳамдампур чунин омадааст: «Садои ў (яъне Муродуллоҳ) мисли оби чашма мешорид – шаффоф, зинда, равон. Он лаҳза, ки ҳама гўшу ҳуш шуда буданд, гўё Рўдакӣ аз забони ў шеър мегуфт».

Устодон Турсунзода ва Саид Нафисӣ Муродуллоҳи наврасро ба оғўш гирифтаанд ва аз рухсораш бўсидаанд. Устод Нафисӣ бо ашки дидагон ва бо эҳтиром гуфтааст, ки Муродуллоҳ яке аз ровиёни ояндадори тоҷик хоҳад шуд...

Бо гузашти солҳо Муродуллоҳ Шерализода Донишкадаи давлатии омўзгории Душанберо хатм кардааст. Баъди таҳсил дар идораи рўзномаи «Маориф ва маданият» ба кор шурўъ намудааст. Баъдан дар Институти таърихи ҳизб фаъолияташро давом додааст. Вай аз зумраи қаламкашоне муаррифӣ шудааст, ки то дараҷаи сардабири рўзномаи «Садои мардум» ва вакили мардумӣ дар Шўрои Олии Тоҷикистон расидааст.

Соли 1993 маросими ифтитоҳи хона-музейи нахустин сардабири «Садои мардум», аввалин қурбонии роҳи мубориза барои мустаҳкам намудани давлати қонунии Тоҷикистон Муродуллоҳ Шерализода барпо шудааст.

Ҳамвора бо конфронси илмиву амалӣ, ки ба ҳаёт ва фаъолияти Шерализода бахшида шуд, маросими муаррифии китоби Шариф Ҳамдампур таҳти унвони «Вақте ки ҳақиқат тир хўрд» баргузор гардид. Ин китоб бо теъдоди 1500 нусха чоп шудааст. Китоб бо сабки хуби рўзноманигорӣ хеле одӣ ва сода навишта шудааст. Онҳое, ки болои минбар ҳарф заданд, дар баробари нақши Муродуллоҳ Шерализода дар мустаҳкам шудани давлати қонунии кишвари худ, аз хидматҳои Шариф Ҳамдампур низ дар рушди журналистика бо ҳарорат ва рағбати том суханпардозӣ карданд.

– Ин китоби Ҳамдампур армуғонест, ки дар он ҳаёт ва фаъолияти Муродуллоҳ Шерализода борикбинона ва воқеӣ қаламдод шудааст. Инчунин дар китоб перомуни шахсиятҳои хеле барҷастаи он давр низ маълумотҳои пурмуҳтаво дода шудааст. Ин ҷо мешавад танҳо аз Бўринисо Бердиева ёдовар шуд, ки дар мақоми сардабири рўзномаи «Маориф ва маданият» кор кардааст ва ҳамчун зани далеру донишманд, соҳиби иродаи устувор, ҷасуру нотарс солҳо фаъолият намудааст, – гуфт журналист Бобо Солеҳзода.



Дар китоб хотироти як гурўҳ аҳли сиёсат ва адабу фарҳанг низ нашр шудааст. Аз ҷумла, хотираҳои раиси собиқи шаҳри Исфара, депутати Шўрои Олии Тоҷикистон Гулафзо Савриддинова хеле риққатоваранд: «Як гурўҳ вакилон аз толор ба даҳлези бино фаромадем, ки тир садо дод. Дар назди чашмони ман вакили мардумӣ, журналист, сардабири «Садои мардум» Муродуллоҳ Шерализодаро парронданд. Ин даҳшат буд...»

Ин маҳфили гиромидошт аз тарафи иштирокчиён арзёбӣ гардид, ки минбаъд идома пайдо хоҳад кард ва ҳаёту фаъолияти аҳли қаламро аз шумори қурбониёни ҷанги шаҳрвандӣ, фидокорони роҳи озодӣ ва ҳақиқат дар меҳвари гуфтугузору баррасиҳо қарор хоҳад дод.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**мухбирони «Овози тоҷик».**

*САМАРҚАНД – ПАНҶАКЕНТ – САМАРҚАНД.*

*Таърихи диёрро меомўзем*

# ОШНОӢ БО АСЛИЯТИ ХУД

***Бино ба маълумоти маъхазҳои таърихӣ ба шаҳраки Қалъаи Вардонзе, Қалъаи Ғиждувон ва Қалъаи Бўронтепаи ноҳияи Рометан вазири Афросиёб – Пирон асос гузошта будааст. Нахустин маълумотҳо дар бораи қалъаи Вардонзе дар сарчашмаҳои чинӣ, ки дар асри VI навишта шудаанд, вомехўрад. Ин шаҳр ҳамчун шаҳри савдогарону ҳунармандон маъмул гаштааст. Дар он ҷо панҷто корвонсарой, бозори ҷаҳонӣ, растаю тимҳо мавҷуд буданд.***

Дар Қалъаи Вардонзе нафарони зиёде ба воя расидаанд, ки дар рушду нумўи кишвари азизамон саҳми арзанда гузоштаанд, аз ҷумла, яке аз ҳадисшиноси номӣ Идрис ал-Вардонӣ, шоир Қозӣ Қурбонхон Фитрати Вардонзеҳии Бухороӣ, дертар бобоёни мухбирони номӣ, бародарон Қўлдошевҳо, Ислом Орипов ва Амрулло Авезов, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Розия Аслонова, Солеҳ Фармонов фарзанди ин макон мебошанд. Дар мактаби ин шаҳрак академик Иброҳим Муъминов таълими ибтидоиро гирифта будааст. Гузаштагони академик Ўткир Расулов ва Тўра Мирзоев аз ҳамин ҷо будаанд. Иди сайри гули сурх, ки Устод Айнӣ дар асарҳояшон борҳо ба забон гирифтаанд, охирон соли 1929 дар ҳамин ҷо ҷашн гирифта шудааст.

Кофтуковҳои археологӣ дар харобаҳои Қалъаи Вардонзе аз солҳои 1996-1997 бо ҳамкории бостоншиносони италиёӣ оғоз ёфта буд. Аввал дар самти ҷануби ғарбӣ ва шарқӣ, сипас дар болои теппа корҳои археологӣ бурда шуд, ки то имрўз таркиби экспедитсияи Италия се маротиба иваз шудаанд. Бояд таъкид кард, ки итолиявиҳо ба забони русӣ хело озодона ҳарф мезадаанд. Аз ҷониби мамлакати мо ба корҳои археологӣ, бостоншиноси шинохта, номзади илми таърих Ҷамолиддин Мирзоаҳмедов сарварӣ намудааст.

Ба экспедитсияи аввали Италия Антонио Симоние ном шахс сарварӣ мекард. Боре муаллими собиқадор Рашид Сафаров ўро ба меҳмонӣ даъват намуда буд. Вақте ки мо байни худ ба забони модарӣ – тоҷикӣ гуфтугў доштем, баногоҳ Антонио пурсид:

– Шумоён ба забони форсӣ гуфтугў доред, оё ин забони ҷаҳониро медонед?

– Ин забони модарии мост! – дар ҷавоб гуфт Р. Сафаров. Ва дигар ба тарҷумонии Ҷамолиддинака ҳоҷат намонда, гуфтугуямон ба забони тоҷикӣ давом карда буд. Баъди Антонио Симоние Силвия ном хонуме чанд сол кор кард. То рўзҳои охир хонум Иллария Винченсси дар ҷойи масҷиди ҷомеъ ва деворҳои шарқии харобаҳои шаҳрак, ки тамоман дар зери рег монда рафтааст, корҳои кофтуковро идома дод.

Кофтуковҳои археологии шаҳраки Қалъаи Вардонзе ба мо аз тарзи зиндагонии аждодони гузаштаи дурамон, оиди тарзи шаҳрсозии онҳо хабар медиҳад. Ин ҷиҳати худшиносӣ ва ошноӣ бо аслияти худ, барои насли ҳозира ва оянда басо муҳим аст. Ҷамолиддин Мирзоаҳмедов аз солҳои ҳафтодуми асри бист дар кофтуковҳои археологии воҳаи Бухорои Зарафшон иштирок дорад. Ў дар кофтуковҳои шаҳри Бухоро дар назди қисми шимолии мадрасаи Мири Араб, Арки Бухоро ва шаҳри қадимаи Пойкент иштирок ва роҳбарӣ кардааст. Мақолаҳои вай дар бисёр журналҳои илмии соҳавӣ, аз ҷумла «Эрмитаж» нашр шудааст. Дар бораи фаъолияти илмии ў филми мустанаде тариқи телевизиони марказӣ ба навор гирифта, борҳо намоиш дода шудааст. Имрўзҳо, ки синни Ҷамолиддинака аз ҳафтод гузаштааст, вазифаи ўро писараш Сироҷиддин бар ўҳда дорад.

**Алимурод ТЕМИРОВ,**
**ноҳияи Шофиркони вилояти Бухоро.**

*Соҳибони касбҳои нодир*

# КОРИ САВОБИ МАРДИ САВОБҶЎ

Турсунбой баъди маълумоти миёна гирифтан дар шаҳри Чуст мактаби нимсолаи автомобилиро ба охир расонда, соҳиби касби ронандагӣ шуд. Ҳанўз ба коре шурўъ накарда, ба сафи артиш даъват гардид. Вазифаи аскариро дар нерўҳои дохилии Русия адо намуд. Вай бо вуҷуди соҳибихтисос будан ҳар ўҳдадориро иҷро мекард. Ўро боду ҳавои хуши саҳро ба оғўш гирифт. Баъди хидмати ҳарбӣ дар хоҷагии пахтакории ҳамсоядеҳи Дам оброн шуда, зиёда аз як сол кор кард. Аз он ҷо бозгашта, дар зодгоҳаш — Варзик як сол хаткашонӣ кард. Боз ба касби дилдодааш гузашта, оброни бригадаи ҳафтуми хоҷагии варзикиён шуд. Боре сардори бригадаи пахтакорӣ Солиҷон Абдураҳимов ба се нафар аъзояш – Эргашбой, Ғаниҷон ва Турсунбой гуфт, ки зане аз олам гузаштаасту ба дафнаш ёрӣ расонанд. Онҳо дар маҳаллаи Майдон лаҳадро кофта, тайёр карданд...

Аз соли 1985 Турсунбой дар бригадаашон меҳнат мекард ва он кори савобро низ давом дод. Доир ба ин кори савоб аз Каримҷон Раҷабов ном ҳаммаҳалааш донишу таҷриба омўхт.

Турсунбой пас аз Каримҷонамак чунин вазифаи савобро пурра ба зимма гирифт. Ин меҳнати ў баҳору зимистон, дар гармӣ, сардӣ ва боришҳо давом кард. Барои ин кори савоб ба он музди мувофиқ, баъзеҳо аз дил баровардa, медоданд. Баъзеҳо додани дастмуздро фаромўш ҳам мекарданд. Бо вуҷуди ин, Турсунбойи саботкор ба халқ хидмати доимии беминнат мекард.

Ғайр аз ин, ў ба қабристон посбонӣ кард. Қабрҳои фурўрафтаро устувор кард, дар фаслҳои мусоид дарахту растаниҳои водии хомўшонро бурида, ба онҳо шакли хос дод, атрофу мадфанҳоро рўбучин кард. Намегузошт, ки ба ҳудуд ниҳолҳои дарахтони меванок шинонда шаванд. Танҳо гулу растаниҳои аз сари қабр паст шинонда мешуданд.

Ҳудуд аввал дар ихтиёри шўрои қишлоқ буду хоҷагии ҷамоавӣ маоши посбонӣ медод. Баъде, ки хоҷагӣ барҳам хўрд, маошдиҳӣ низ қатъ гардид. Турсунбой 7 сол бе моҳона меҳнат кард. Ниҳоят он тобеи шуъбаи ободкунии ноҳияи Чуст ва он музддор шуд.

Турсунбой Яъқубов то аз миён рафтани хоҷагии ҷамоавӣ обронӣ карда, масъулу посбони мазор шуда, то ба нафақа баромадан заҳмат кашид. Пас ин вазифаро шуъбаи ободкунии ноҳия ба ўҳдаи писари ў Инъомаддин гузошт. Ҳоло падару фарзанд бо нигоҳубину тозагии ин қитъа машғуланд.

**Ш. МИРЗОЕВ.**

*Вилояти НАМАНГОН.*

# ҲУРМАТ БА КАЛОНСОЛОН

Ҳурмат ба пирон аз беҳтарин ва муҳимтарин сифатҳои инсонист.

Аз хурдӣ падару модарон ба мо тарбия медиҳанд, ки нисбати калонсолон доимо эҳтиром дошта бошем, суханашон, панду насиҳатҳояшонро гўш кунем, онҳоро дастгирӣ намоем.

Агар ба ин гуфтаҳо амал кунем, метавонем аз таҷрибаи онҳо баҳраи нек бубарем ва саҳву хатоиҳои худро ислоҳ созем. Эҳтиром ба калонсолон дорои тарбия ва одоби хуб будани инсонро намоиш медиҳад. Ҳурмат ба пирон на фақат бо сухан, балки бо амал, бо муносибати самимӣ ва ҳамдардӣ низ зоҳир мешавад.

Масалан, кумак ба падару модар дар корҳои хона, шунидани маслиҳати онҳо ва амал кардан ба он нишонаи ҳурмат аст. Ҳурмату иззати куҳансолон танҳо вазифаи фарзандон ва ҷавонон нест, балки аз сифатҳои муҳими инсонӣ ба ҳисоб меравад. Он нишон медиҳад, ки инсон дорои тарбия ва одобу ахлоқи хуб аст.

**Зулола НЕКМУРОДОВА,**
**донишҷўи соли чаҳоруми шуъбаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бухоро.**


# БА РЎЗНОМАИ «ОВОЗИ ТОҶИК» ОБУНА ШАВЕД!

***Обуна ба рўзномаи «Овози тоҷик» барои соли 2026 идома дорад.***

Агар хоҳед, ки:
– дар соли 2026 аз навигариҳои соҳаҳои гуногун огоҳ бошед;
– фармон, қарор, фармоиш, барнома ва аснoди гуногунро сари вақт дастрас намоед ва бо мазмуну моҳияти ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ошно гардед;
– аз таҷрибаи судманди намояндагони пешқадами соҳаҳо огоҳ шавед;
– андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед;
– аз эҷоди бадеии аҳли фарҳангу ҳампешагон бохабар бошед;
– ҷолибтарин матолибу мақолаҳоро оид ба муҳимтарин масоили рўз мутолиа кунед;
– сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи худро пайваста такмил диҳед;




**ПАС, БА РЎЗНОМАИ ДЎСТДОШТАИ ХУД – «ОВОЗИ ТОҶИК» ОБУНА ШАВЕД!**

***Телефон барои муроҷиат: +998 55 5200336.***

***Индекси обуна 170***


# КОНСТИТУТСИЯ – ПОЙДЕВОРИ БАХТИ МО

Бо ташаббус ва роҳбарии устодони кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқ ва ҳамкории Маркази миллию мадании тоҷикони вилояти Сурхондарё чорабинии бошукўҳе бахшида ба 33-юмин солгарди Сарқонуни Ўзбекистони азизамон чорабинӣ дар мавзўи «Конститутсия – пойдевори бахти мо» баргузор гардид.

Дар омодасозии чорабинӣ устодони кафедра дотсентҳо Рамазон Абдуллоев, Илҳом Эшонқулов, муаллими калон Ҷамшед Ҷумъақулов, муаллимон Сайёра Саидова ва Сурайё Самиева, Диловар Ҳомидов, Шокир Алиев ва донишҷўёни боистеъдоду боиқтидори шуъбаҳои тоҷикӣ, ҷопонӣ ва форсии факултети филология фаъолона иштирок намуданд.

Нотиқон дар бораи мазмун ва моҳияти Сарқонун, таҳрир ва иловаҳои он ибрози назар карданд. Тазаккур бояд дод, ки чорабинии мазкур бо мақсади эҳтиром намудани Сарқонуни Ўзбекистон, баланд бардоштани дониши ҳуқуқии донишҷўён, дастгирии ислоҳот ва стратегияи рушди кишварамон ва ба ҳаёти фарҳангию маънавӣ ҳиссагузорӣ намудан ташкил карда шуд.

Дар баромади аввал гурўҳи донишҷўёни курси 3 суруди «Ватан»-ро бо алвонҷ додани парчами кишвари азизамон замзама намуданд, ки хеле ҷолиб буд. Дар рафти чорабинӣ шеърҳои беҳтарин дар васфи Ватан ифоданок хонда шуд. Саҳначае, ки донишҷўёни курси 3 намоиш доданд, хеле ибратангез буд. Дар ҷараёни намоиши саҳнача чанд фасли Сарқонун таъкид гардид. Рақси зебои тоҷикӣ аз тарафи донишҷўён – Ширинмоҳ Аҳророва, Зарина Саидмуродова ва Замира Аҳмадҷонова иҷро шуд, ки ба иштирокчиёни чорабинӣ писанд гардид. Иштиркчиёни ба силсиласаволҳои доир ба Сарқонуни барандагон Фарида Аҳатова ва Идибек Хўҷақулов ҷавобҳои худро баён намуданд.




Ба иштирокчиёни фаъол туҳфаҳои хотирмон ва ташаккурномаҳо супорида шуд.

**Махфират ҚУРБОНАЛИЕВА,**
**мудири кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз.**

***27-уми декабри соли 2024 Фармони Президент оид ба муносиб пешвоз гирифтани 150-солагии асосгузори ҳаракати ҷадидия, арбоби ҷамъиятӣ ва педагог Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ эълон гардида буд. Бо ҳамин муносибат дар қаламрави кишварамон тадбирҳои пуршукўҳи фарҳангӣ баргузор мешаванд.***

# БУЗУРГДОШТИ МАЪРИФАТПАРВАР

Бо ташаббуси шуъбаи вилоятии Иттифоқи журналистон, ҳокимияти вилоят ва Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов дар мавзўи «Рушди журналистикаи миллӣ ва хизмати шоистаи Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ» анҷумани илмӣ-амалӣ баргузор гардид. Дар чорабинӣ олимону пажуҳишгарон, бостоншиносону устодони фанни таърих аз вилоятҳои Қашқадарё, Ҷиззах, Навоӣ, Самарқанд ва ғайра ширкат варзиданд.

Ҳозирон қабл аз оғози тадбир бо бинои нави хушсохту замонавии Донишгоҳи давлатии Самарқанд, шароити таҳсил, инчунин осорхона, боғи зимистона шинос шуданд.

Доир ба фаъолияти журналистӣ ва педагогии Беҳбудӣ ҳарф зада шуд, ки соҳибҷашн дар Осиёи Марказӣ яке аз аввалинҳо ба нашри рўзнома ва маҷаллаҳо саҳми арзанда гузоштааст.

Инчунин иҷрокунандаи вазифаи раиси Иттифоқи журналистони Ўзбекистон Холмурод Салимов, сардабири рўзномаҳои «Ишонч» ва «Доверие» Ҳусан Эрматов, доктори фанҳои филологӣ, профессор Ҳалим Саидов, набераи Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ Назирхон Беҳбудӣ оид ба хизматҳои маърифатпарвари бузург ва асарҳои ў «Мунтахаби ҷуғрофии умум», «Китоб ул-атфол», «Падаркуш» ҳарф заданд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**


Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1228.
Адади нашр 3676. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тўхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 03.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кўчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.